Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 117 (4700) | ҶУМЪА, 29 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

**28-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазирони саноат ва технологияҳои нав, молия ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

Зимни ин сафар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон», Форуми иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон иштирок ва суханронӣ карда, дар ҳошияи ин чорабиниҳо бо як қатор роҳбарони воломақоми Олмон масоили ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Олмон, мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигар масъалаҳои мубрамро баррасӣ намуданд.

**29-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар ҳошияи Вохӯрии якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» дар нишасти сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Зимни нишаст масоили ҳамкории минтақавии ҷонибҳо ва рӯзномаи ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон» баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз пазироии самимии роҳбарияти кишвари мизбон ва имкони дидору мулоқот изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ оид ба тавсеаи робитаҳои минтақавӣ ва дуҷониба дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, афзоиши ҳаҷми гардиши мол, содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ андешаронӣ намуданд. Дар баробари ин, зарур шуморида шуд, ки ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти сармоягузорӣ, дар бахшҳои гуногуни саноат, обу энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва сайёҳӣ фаъол карда шавад.

Дар нишаст баррасии масоили ҳамкории амниятӣ ба мавзӯи афзоиши таҳдиду хатарҳо, аз он ҷумла вазъ дар Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Инчунин, Сарвари давлат оид ба имкониятҳо ва зарфиятҳои мавҷудаи кишвар ва самтҳои афзалиятноки мутақобилан судмандро таъкид намуданд.

Дар охири суҳбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф биёранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## «DUSHANBE INVEST 2023». ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



**29-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе-инвест 2023» оғоз гардид. Ибтидо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокдорони Форуми байналмилалӣ бо паёми видеоӣ муроҷиат намуданд.**

Дар қисмати расмии ифтитоҳи форум Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода суханронӣ намуданд.

Дар кори Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе - инвест 2023», ҳамчунин, Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Алӣ Асадов, муовини Сарвазири Федератсияи Россия Марат Ҳуснуллин, муовини Сарвазир - роҳбари Дастгоҳи Ҳукумати Қазоқистон Галимжан Койшибаев ва меҳмонони олимақом аз дигар давлатҳо, инчунин, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат иштирок карданд.

Дар маҷмӯъ, форум беш аз 600 нафар соҳибкору сармоягузори якчанд кишвар ва намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявиро ба ҳам овард.

Муаррифии бештари зарфияту фазои мусоиди сармоягузории Тоҷикистон, ҷалби сармоя, ба роҳ мондан ва тақвияти ҳамкорӣ байни ширкатҳои ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, ҳамчунин, фароҳамсозии имконият барои рушди тиҷорати рақамӣ бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҳадафҳои асосии форум арзёбӣ шуд.

Форуми мазкур дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баргузор намудани ҷаласаҳои панелӣ идома меёбад. Мавзӯъҳои баррасишаванда дар ин нишастҳо - «Имконоти сармоягузории шаҳри Душанбе», «Саноат - омили асосии рушди иқтисодӣ ва заминаи мусоид барои сармоягузорӣ», «Тоҷикистон - мамлакати «энергияи сабз», «Иштироки бахши хусусӣ дар рушди энергетика», «Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя», «Рушди иқтисодиёти «сабз», рақамикунонӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Имконоти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсол ва содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ ба бозори ҷаҳонӣ», «Рушди нақлиёт, логистика ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ», «Имконияти сармоягузорӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, дурнамои рушди соҳаи дорусозӣ ва тибби хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра мебошанд.



Интизор меравад, ки дар рӯзи дуюми баргузории форум иштирокдорон аз корхонаҳои саноатии шаҳрҳои Душанбе, Норак ва Турсунзода боздид намоянд.

**«Садои мардум»**

## ТОҶИКИСТОН ОМОДА АСТ, ПЕШНИҲОДОТИ САРМОЯГУЗОРОНРО БАРОИ ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД ДАСТГИРӢ НАМОЯД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе – инвест 2023»**

**шаҳри Душанбе, 29 сентябри соли 2023**

**Муҳтарам ширкаткунандагони форум,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҳамаи шуморо аз номи мардуми Тоҷикистон ба Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе - инвест 2023» хайра мақдам мегӯям.

Тайи чанд рӯз дар доираи омодагӣ ба баргузории форуми имрӯза шумо – меҳмонону соҳибкорони гиромӣ бо дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол аз наздик ошноӣ пайдо кардед.

Баргузории форумҳои сармоягузорию соҳибкорӣ барои иштирокчиёни онҳо ҷиҳати муколама, баррасӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли муҳимтарин масоил ва мушкилоти иқтисодиёти минтақа ва ҷаҳон имконияти мусоид фароҳам меоварад. Дар баробари ин, чунин чорабиниҳо боиси густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни кишварҳо ва бахусус, байни соҳибкорону сармоягузорон мусоидат менамоянд.

Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рушди бахши хусусӣ ва нақши он афзалият медиҳад ва ин фаъолиятро ҳамчун яке аз омилҳои муҳими пешрафт эътироф менамояд.



Ҳукумати Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ба таъмин намудани пешрафти бахши хусусӣ тавассути ҷалби сармоя эътибори махсус зоҳир карда, онро яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодӣ эътироф намудааст. Мо доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастрасу сода гардонидани расмиёти маъмурӣ мунтазам чораҷӯйӣ карда истодаем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар асоси нақши таърихии мардуми куҳанбунёди тоҷик ва таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти стратегияи «дарҳои кушода» мо рушди робитаҳои ҳамкориро бо шарикони иқтисодию тиҷоратии худ бисёр муҳим арзёбӣ менамоем. Бо ин мақсад, ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи ҷалби сармоя ва соддагардонии воридшавӣ ба иқтисоди кишвар мо дар тамоми самтҳо ислоҳотро амалӣ карда истодаем. Имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 180 кишвари дунё муносибатҳои дипломатӣ дорад ва соҳибкорони мо дар миёни доираҳои соҳибкорӣ ҳамчун шарикони боэътимод эътироф гардидаанд. Рӯйхати кишварҳои бераводид ва аз низоми содакардашудаи гирифтани раводид истифодакунанда мунтазам васеъ гардида, пурра бо низоми электронӣ амалӣ карда мешавад. Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки қадами дуюми оғози фаъолият мебошад, дар кишвари мо ба таври электронӣ ва ройгон ба роҳ монда шудааст. Ба талаботи муосир ҷавобгӯ гардонидани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти бахши хусусӣ самти дигари муҳими сиёсати ислоҳот дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоиди фаъолият кафолат дода мешавад. Инчунин, сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқи ба берун аз ҳудуди Тоҷикистон интиқол додани маблағи даромади бо асъори хориҷӣ дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ бадастовардаашонро доранд ва ҷиҳати анҷом додани дигар амалиёти асъорӣ барои онҳо кафолати қонунӣ пешбинӣ карда шудааст.

Мунтазам кам ё ихтисор кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ раванди содагардонии расмиёти маъмуриро таъмин намуда, ба ин васила барои гузариш ба қадами сеюми роҳандозии фаъолияти сармоягузорӣ замина гузошта мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МАРАТ ҲУСНУЛЛИН



**29-уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо муовини Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Марат Ҳуснуллин, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, мулоқот намуданд.**

Дар оғози суҳбат ҷонибҳо аз вазъи феълии робитаҳои дуҷониба, муносибатҳо ва сатҳи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Россия, ки бо саъю талоши роҳбарони ҳар ду давлат бемайлон рушд доранд, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Зикр гардид, ки байни ҳар ду давлат ҳамкориҳои устувор дар соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуда, робитаҳои байналмилалию байниминтақавӣ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ тавсеа меёбанд.

Дар ин зимн, нақши робитаҳои байнипарламентӣ ҳамчун шохаи муҳими муносибатҳои Тоҷикистону Россия арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо роҷеъ ба масъалаҳои рушду таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисод, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, ҷалби сармоя, инноватсия ва технологияҳои нав, саноат, кишоварзӣ ва фарҳангию гуманитарӣ, ки аз мавзӯъҳои дигари мулоқот буд, андешаронӣ карда, дар ин раванд нақши калидии Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро таъкид намуданд.

Вобаста ба густариши робитаҳои байниминтақавӣ ҳамкории фаъоли тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии шаҳри Душанбе бо шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург ва дигар минтақаҳои Федератсияи Россия, инчунин, ҳавасмандии шаҳрдории пойтахт барои рушди мунтазами ҳамкории бисёрҷонибаи байни пойтахтҳо дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, зикр гардид.

**www.majmilli.tj**



# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

(Идома аз саҳ. 1)

**29-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар Форуми иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Олмон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки масъалаи густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон самти муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Таъкид гардид, ки бо шарофати дастовардҳои назаррас дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон рушди босуръати худро идома медиҳад.

Ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии мамлакат дар ин ҷода дар «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» муайян гардидаанд. Тибқи стратегияи мазкур, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ислоҳоти фарогири иқтисодӣ амалӣ карда мешавад, ки ба таъмини рушди устувор нигаронида шудаанд.

Дар ин раванд Тоҷикистон солҳои тӯлонӣ бо ниҳодҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикон ҳамкории муваффақ дорад ва бо дастгирии онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишварамон садҳо лоиҳаю барномаҳои сармоягузорӣ амалӣ гардиданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки созмонҳои байналмилалии молиявӣ имрӯз Тоҷикистонро яке аз кишварҳои дорои иқтисоди босуръат рушдёбанда арзёбӣ мекунанд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дорои бахши хусусии рушдёбанда мебошад, ки ҳиссаи он дар истеҳсоли молу хизматрасониҳо қариб 90 фоизро ташкил медиҳад. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар мамлакат шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, тиҷорати байналмилалӣ вусъат меёбад.

Узвияти Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузор низ аз мутобиқати қонунгузории кишвари мо ба меъёрҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо шарикони хориҷӣ имконоти мусоид дорад.

Зимни суханронии пурмуҳтаво, ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокчиёни форуми иқтисодиро ба захираҳои фаровони об, сарватҳои маъданӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ, имкониятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ ва татбиқи дигар афзалиятҳои кишвар ҷалб карданд.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки мо ҳамчунин, ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҷониби Олмон дар рушди бахшҳои молиявию бонкӣ ва рақамисозии иқтисоди Тоҷикистон манфиатдорем.

Дар интиҳои суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки афзалиятҳои Тоҷикистон ба мисли тамоюли мусбии демографӣ ва зарфияти кофии меҳнатӣ, мавҷудияти захираҳои бузурги табиӣ, инчунин, имкониятҳо ва иқтидорҳои тавлиди «энергияи сабз» заминаҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Олмонро ташкил хоҳанд дод.

**www.prezident.tj**

# ҲАР КӢ ҶАҲДЕ КАРД, БАР ҶАҲДЕ РАСИД

**«Ман ҳар фарди зиёиро чун зарраи хуршед медонам, ки бо худафрӯзӣ, худфарсоӣ ва талошҳои пайгиронааш оламеро равшан мекунад, дили инсонҳоро ба фардои нек гарм месозад, шуълаи умедро меафрӯзад, масъалаҳои умумимиллиро ба миён мегузорад ва ҳамзамонони худро ба корҳои созандагӣ ба нафъи миллату Ватани хеш ва тамоми аҳли башар ҳидоят менамояд. Ин аст рисолати аслӣ ва ҳамешагии зиёиёни ҳақиқӣ дар назди миллати хеш».**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

**Хушбахт касест, ки мақому мартабаи ӯро ҷомеа эътироф мекунад. Ин матлаби фарогир, маҳз ба зиндагинома ва фаъолияти пурбаракату нусратбори доктори илмҳои кишоварзӣ, академик Толиб Набиев рабт дорад. Ӯ тӯли солиёни дарози фаъолият дар шохаҳои гуногуни ҳаёти илмию сиёсии Тоҷикистон бо заковату хирад, донишу малака ва таҷрибаи бойи андӯхтаи худ собит намуд, ки фарзанди шоистаи миллати тоҷик мебошад. Номбурда дар бахши зироаткорию растанипарварӣ аз олимони саршиносии соҳа шинохта шудааст.**



Бо шарофати заҳматҳои бисёрсолаи хеш ба қуллаҳои баланди илми кишоварзӣ шарафёб гардида, инчунин, дар вазифаҳои намоёни давлатию ҷамъиятӣ фаъолият намудааст. Солҳои сипаригардида дар вазифаҳои сардори факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур (солҳои 1990-2002 ва 2015-2017), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2005), сипас Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолият дошт. Ҳоло ба донишҷӯёну олимони ҷавони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур нозукиҳои касби кишоварзиро меомӯзонад.

Мо аз овони донишҷӯӣ ӯро ҳамчун шахси ватандӯсту олими муваффақ мешиносем ва солҳо ба ҳайси ҳамкасбу дӯст, ҳамкор ва шогирд бо ҳам фаъолият намудаем. Поксириштӣ, нармдилӣ, самимият, хоксорию ҳимматбаландӣ, ки аз арзишҳои неки инсонӣ шинохтаю эътироф шудаанд, ба устод хос мебошанд. Бузургони илму адаби тоҷик устодро «чароғи рӯзгор»-у «машъали хирад» ва «махзани маърифат»-у «ояндасози миллат» номидаанд.

Ба ақидаи дигар омӯзгор, устод табиби ақли инсон аст. Маҳз, ӯст, ки ақлҳоро пурра, чашмони камнурро пурнур, оинаи хирадро равшан, роҳи каҷро рост, забони лолро бурро месозад. Дар вуҷуди шогирдон тухми хирад мекорад, ба эшон илм меомӯзонад, бо заҳмати зиёд шахсиятҳоро барои ҷамъият ба воя мерасонад.

Чунин сифатҳоро мо дар фаъолияти академик Толиб Набиев мебинем. Албатта, расидан ба ҳадаф, миёни мардум соҳибэҳтиром будан, самари меҳнат ва заҳматҳои худи инсон аст.

Ба қавли Ҷалолиддини Румӣ:

**Ҳар кӣ ранҷе дид,**
**ганҷе шуд падид,**
**Ҳар кӣ ҷаҳде кард,**
**бар ҷаҳде расид.**

Номбурда дар тарбияи мутахассисони соҳаи кишоварзӣ нақши калидӣ дорад. Худ дастпарвари факултети агрономии Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур) буда, аз устодони бузургвораш, олимони шинохта академикҳо И.С. Шатилов (Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ), Ю. С. Носиров, профессорон Ҷ. Қ. Қосимов, М. К. Қаюмов, Р.С. Масаидов ва дигарон баҳра гирифтааст.

Ӯ ҳамеша фаъолияти роҳбарию ташкилотчигиро бо кори тадқиқоти илмӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос тавъам пеш бурдааст. Агар ба фаъолияти илмию таҳқиқотии профессор Толиб Набиев назар афканем, маҳсули заҳматҳои илмӣ ва тадқиқотии ӯ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, хусусан бахши растанипарварӣ марҳилаи наверо оғоз намудааст. Аз натиҷаи таҳқиқотҳои арзишманд ва дақиқи ӯ якчанд усулҳои нави парвариши зироатҳои лӯбиёӣ, бахусус, лӯбиёи чинӣ, мош, чормағзи заминӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо дар шароити иқлимию табиии ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардидааст.

Тадқиқоти анҷомдодаи академик Толиб Набиев омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агротехникаи парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, хӯроки чорво бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланди онҳо мебошад. Натиҷаҳои дар ин самт бадастовардааш дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва берун аз он татбиқ шуданд.

Умуман, ҳиссаи ӯро дар поягузорӣ, ташаккул ва пешрафти илми кишоварзии Тоҷикистон шоиста метавон арзёбӣ намуд. Аз оғози даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудан ва пешбурди муваффақонаи равияҳои тадқиқотии зарурӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин, муайян намудани самтҳои илмии афзалиятдор саҳм гузоштааст.

Таҳти роҳбарии бевоситаи ин олими пурмаҳсул таҳқиқотҳои илмӣ доир ба селексия ва тухмипарварӣ, таҳия намудани усулҳои парвариши зироатҳои ғалладонагӣ, лӯбиёгӣ, техникӣ, хӯроки чорво дар шароитҳои заминҳои обӣ ва лалмии минтақаҳои водии Ҳисор, вилоятҳои Хатлону Суғд анҷомпазируфта, натиҷаҳои дар ин самт бадастомада дар соҳаи кишоварзии мамлакат мавриди истифода қарор доранд. Академик Толиб Набиев муаллифи навъҳои ноҳиябандишудаи гандуми серҳосили «Садоқат» ва «Ориён» мебошад, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар нақши муҳим доранд.

Ба қалами устод беш аз 330 асару мақолаи илмию таълимӣ, аз ҷумла, китоби дарсӣ, монография, тавсияномаю дастурҳои методӣ тааллуқ доранд, ки дар маҷмӯъ, низоми илмию таълимии соҳаи зироаткорию растанипарварии Тоҷикистонро арзёбӣ мекунанд.

Дастовардҳои илмии академик Толиб Набиев дар бахши кишоварзӣ берун аз қаламрави Тоҷикистон, дар доираҳои илмии кишварҳои хориҷӣ низ пазируфта шудаанд. Ӯ дар конференсияҳои байналмилалӣ дар кишварҳои Ҳиндустон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Миср, ИМА, Япония, Шветсия, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон бо маърӯзаҳои илмӣ дастовардҳои илми кишоварзии Тоҷикистонро муаррифӣ намудааст.

Тӯли фаъолияташ дар мақоми олии қонунгузор ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2005) дар таҳия ва қабули қонуну қарорҳои соҳавӣ ҳиссаи созгор гузоштааст. Аз ҷумла, дар таҳияи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ», «Дар бораи ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» ва «Дар бораи зотпарварӣ» иштирок намудааст, ки ҳоло мавриди амал қарор доранд.

Ҳангоми дар вазифаи Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудан бо пешниҳоди академик Т. Набиев ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти тадқиқоти илмии ҳимояи растаниҳо, Маркази ҷумҳуриявии миллии захираҳои генетикии зироатҳои кишоварзӣ, Маркази илмии академия дар вилояти Хатлон ва такягоҳи Институти тадқиқоти илмии оксил дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис дода шуд, ки ҳоло фаъолияти доманадор доранд. Дар баробари ин, барои ташкил намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои илмии самти кишоварзӣ, озмоишгоҳҳои нав, таъмиру тармими биноҳои асосӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳо бо таҷҳизоти муосир, истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишт, боғу токзор, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво дар хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва ёрирасони муассисаҳои зертобеи академия саҳми созгор гузоштааст.

Академик Толиб Набиев ба тарбия ва дастгирии олимону мутахассисони ҷавони илмӣ ҳамеша диққати ҷиддӣ медиҳад. Таҳти роҳбарии ӯ се нафар рисолаи докторӣ ва даҳҳо нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд. Метавон гуфт, ки дар ин ҷода мавсуф мактаби илмии худро бунёд намудааст.

Барои заҳматҳои пурсамар аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо ордени «Дӯстӣ» (2001), унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон (2021), нишони «Аълочии маорифи халқи ИҶШС» (1991), «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2018), «Медали тиллоии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон» (2018) ва дигар мукофоту ифтихорномаҳои Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Боиси ифтихор аст, ки академик Толиб Набиев алҳол илми кишоварзии мамлакатро дар Академияи илмҳои Федератсияи Россия ва Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ намояндагӣ намуда, обрӯю манзалат ва эътибори илми кишоварзии Тоҷикистонро баланд мебардорад.

Дар айни замон ин олими пурмаҳсул дар авҷи камолоту фаъолияти илмию эҷодӣ ва таълимӣ мебошад. Роҳи тайнамудаи академик Толиб Набиев дар ҷодаи илми кишоварзӣ мояи шарафу ифтихори мардуми Тоҷикистон ва шоистаи ибрати мутахассисону олимони ҷавон мебошад.

Тавре шоир фармудааст:

**Устод агар набошад,**
**ақле ба сар набошад,**
**Дар боғи зиндагонӣ,**
**гарди самар набошад.**
**Бе роҳнамою роҳбар,**
**дар ин ҷаҳони бесар,**
**Пойи равон набошад,**
**нури басар набошад…**

**Қодири ҚОСИМ,**
**муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Икромӣ ФАЗЛИДДИН,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТОҶИКИСТОН ОМОДА АСТ, ПЕШНИҲОДОТИ САРМОЯГУЗОРОНРО БАРОИ ҲАМКОРИҲОИ СУДМАНД ДАСТГИРӢ НАМОЯД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе – инвест 2023»**

**шаҳри Душанбе, 29 сентябри соли 2023**

(Идома аз саҳ. 1)

Дар доираи ислоҳоти низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз то имрӯз як қатор тадбирҳои назаррас андешида шудаанд. Коҳиш додани меъёрҳо, ихтисори баъзе намудҳои андоз, роҳандозии тартиби электронии пешниҳоди эъломияҳои андоз ва ҳисоботи андоз, кам кардани шумораи санҷишҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷумлаи ҳамин тадбирҳо ба ҳисоб мераванд.

Сармоягузорон ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ тавассути ташкили корхонаи муштарак ё дар асоси созишномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, консесияҳо ё созишномаи сармоягузорӣ ҳуқуқи озоди интихобро доранд ва ин раванд дар доираи қонунгузорӣ пурра танзим гардидааст. Дар кишвар бо мақсади таъмин намудани заминаи устувори амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ механизми баимзорасонии созишномаи сармоягузорӣ, ки дорои имконияти пешниҳоди имтиёзу сабукиҳо ва кафолатҳои иловагӣ мебошад, васеъ ба роҳ монда шудааст. Имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 40 кишвари хориҷӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ созишнома имзо кардааст.

**Муҳтарам ширкаткунандагони форум!**

Дар давоми даҳ соли охир ба иқтисодиёти кишвари мо ба маблағи беш аз 110 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки аз он зиёда аз 44 миллиард сомониро сармояи мустақим ташкил медиҳад. Ҳоло дар кишвар зиёда аз 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 45 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Узвияти кишвари мо дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон гувоҳи мутобиқ будани қонунгузории Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори иқтисоди он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян гардидаанд. Яке аз чунин самтҳо «энергияи сабз», яъне бунёди иншооти гидроэнергетикӣ, қабл аз ҳама, неругоҳҳои барқи обӣ, офтобӣ ва бодӣ мебошад. Гидроэнергетика, ки дар кишвар захираҳои он ҳамагӣ 4-5 фоиз истифода мешаванд, яке аз соҳаҳои муҳимтарини таъмин намудани рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвари мо ба ҳисоб рафта, дар ин самт лоиҳаҳои сармоягузории зиёд амалӣ шуда истодаанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон яке аз бузургтарин лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ – Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иқтидори 3800 мегаватт амалӣ шуда истодааст, ки имконияти бо «барқи тоза» таъмин намудани на танҳо кишвари мо, балки кишварҳои минтақаро низ доро мебошад. Мо нақша дорем, ки дарояндаи наздик аз ҳисоби бунёди неругоҳҳои барқи обии нав ва таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда иқтидори энергетикии мамлакатро иловатан 4 ҳазор мегаватт афзоиш диҳем.

Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли барқ аз ҳисоби манбаъҳои таҷдидшаванда, яъне «энергияи сабз» дар ҷаҳон ҷои 6-умро мегирад ва аз рӯйи кам будани ҳаҷми партовҳои гулхонаӣ низ яке аз ҷойҳои баландтаринро ишғол мекунад, масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва пайомадҳои номатлуби он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор дорад. Солҳои охир барои таъмини доимии аҳолӣ ва истеҳсолкунандагон бо «энергияи сабз» беш аз 1300 мегаватт иқтидорҳои иловагӣ ба кор андохта шудаанд. Пешрафти ояндаи ҷаҳон ба «энергияи сабз», ки аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсол мегардад, вобастагии зиёд дорад, зеро он омили муҳими таъмин намудани тараққиёти босуботи иқтисодию иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, алалхусус, коҳиши партовҳои гази карбон мебошад.

Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад, чунки кишвари мо дар «камарбанди офтобии ҷаҳон» қарор дошта, давомнокии рӯзҳои офтобӣ дар як сол аз 2000 то 3000 соатро ташкил медиҳад. Зимнан, хотиррасон менамоям, ки маҳсулоти бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолшуда дар аксари кишварҳои пешрафтаи дунё аз пардохтҳои экологӣ, аз ҷумла андози «гази карбон» озод мебошад. Соҳибкорони муҳтарам ба як нуктаи муҳим таваҷҷуҳ намоянд, ки дар Тоҷикистон асосҳои «иқтисоди сабз» муҳайё гардидаанд. Имкониятҳои сармоягузории арсаи иқтисод ва бахшҳои дигари рушди Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои калон ва миёнаю хурд иртибот доранд.

Татбиқи лоиҳаи «CASA - 1000», ки шабакаҳои барқии кишварҳои Осиёи Марказиро бо Осиёи Ҷанубӣ пайваст мекунад, мисоли возеҳи имкониятҳои зикргардида мебошад.

Қаламрави Тоҷикистон аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст ва ин омил барои рушди саноати истихроҷи маъдан заминаи устувор фароҳам овардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шашсад кони канданиҳои фоиданок, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо кашф ва барои аз худ намудан омода карда шудаанд, вале имрӯз танҳо даҳҳо кон мавриди истифодабарӣ қарор дорад, ки дар онҳо беш аз 40 намуди маъдан истихроҷ карда мешавад.

Бахши истеҳсолоти саноатӣ метавонад самти дигари ояндадори ҳамкориҳои мо бошад. Хотирнишон менамоям, ки панҷ соли оянда дар Тоҷикистон солҳои саноатикунонии босуръати кишвар эълон шудааст.

Татбиқи тарҳу лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноати сабуку хӯроквcovӣ, металлургия, мошинсозӣ, кимиё, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дорусозӣ бо ворид намудани технологияҳои муосир ва тавассути коркарди пурраи захираҳои ашёи хоми кишвар, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш афзалиятнок мебошад. Дар ин раванд, то ба ҳол як қатор барномаҳои соҳавӣ татбиқ гардидаанд, ки ба тавсеаи коркарди аввалияи ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ то маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда мусоидат намуданд. Ҳоло барои истифодаи ҳар чӣ бештари иқтидорҳои саноатӣ ва афзоиш додани коркарди ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла нахи пахта ва «алюминийи сабз» то маҳсулоти ниҳоӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шуда, ҷиҳати рушди ин соҳаҳо аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барномаҳои махсус қабул гардидаанд.

Тоҷикистон бо назардошти истифодаи «алюминийи сабз», «энергияи сабз», литий ва имкониятҳои васеи содиротӣ метавонад минбаъд макони истеҳсоли электромобилҳо гардад.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои сохтмони аксари иншооти муҳим ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ низ як силсила имтиёзҳо муқаррар гардидаанд. Илова бар ин, дар кишвар ташаккули минтақаҳои саноатӣ идома дорад. Ин минтақаҳо корхонаҳои коркарди нефт, сементбарорӣ, нассоҷӣ, хӯроквcovӣ, металлургӣ ва тавлиди маҳсулоти саноати кимиёро дар бар хоҳанд гирифт. Дар минтақаҳои озоди иқтисодии мо барои сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Шумо низ - сармоягузорони муҳтарам, метавонед дар пешбурди фаъолияти истеҳсолии ин минтақаҳо босамару фаъолона иштирок намоед.

Дар кишвари мо бо мақсади беҳтар намудани шароити инфрасохторӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. То имрӯз дар Тоҷикистон беш аз ду ҳазор километр роҳҳои замонавии мошингард, 190 километр роҳи оҳан ва зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Иштироки сармоягузорон дар амалӣ намудани лоиҳаҳои инфрасохтории кишвар ҳамкориҳои иқтисодиро дар минтақа ба сатҳи сифатан нав мерасонад ва мо умед дорем, ки шумо - ҳозирини муҳтарам, ин нуктаи муҳимро дар мадди назар хоҳед дошт.

Дар ҳудуди Тоҷикистон 13 ҳазор пирях мавҷуд буда, 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбанд.

Табиати зебо ва иқлими мусоиди Тоҷикистон имкон медиҳад, ки меваю сабзавоти хушсифату аз лиҳози экологӣ тоза парвариш карда шавад. Аз ин лиҳоз, кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва афзалиятнок дар рушди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода барои сармоягузорӣ ва густариши ҳамкориҳои босамар имкониятҳои ҷолиб мавҷуданд.

Бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи табиӣ таъсис додани корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои истеҳсоли доруворӣ, чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ, коркард ва содироти меваю сабзавот ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамчунин, оби баландсифати нӯшокӣ – бо мақсади баровардани маҳсулот ба бозорҳои Ховари Наздику Миёна – барои шарикони мо аз лиҳози иқтисодӣ фоидаовар хоҳад буд.

Воқеан, Тоҷикистон аз рӯи захираҳои оби босифати ошомиданӣ низ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд ва тавре ки шумо – соҳибкорони муҳтарам медонед, оби босифати ошомиданӣ яке аз омилҳои муҳимтарин, пеш аз ҳама, барои саломатии одамон, инчунин, барои рушди саноати коркард, бахусус, истеҳсолоти хӯроквorӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, хотирнишон менамоям, ки захираҳои намаки ошӣ дар Тоҷикистон беш аз 72 миллиард тоннаро ташкил медиҳанд, ки барои зиёда аз 300 сол таъмин намудани талаботи истеъмолии тамоми сокинони сайёра ба ин намуди маҳсулот басанда мебошанд. Мо ташаббуси сармоягузоронро вобаста ба таъсиси марказҳои логистикии «сабз» бо хушӣ мепазирем.

Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор аст ва табиати нотакрор дорад, барои ташаккули намудҳои гуногуни сайёҳӣ, бахусус, кӯҳнавардӣ, сайёҳии табобатӣ ва экологӣ имкониятҳои зиёд дорад. Қаторкӯҳҳои зебои Тоҷикистон, шаршараҳои оби мусаффо ва дигар манзараҳои беназир ҷаҳонгардонро ҳар сол барои саёҳат ба кишвари мо ҷалб менамоянд ва шумораи сайёҳон сол ба сол афзоиш меёбад.

Соли 2022 шумораи сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон омадаанд, қариб ба як миллион нафар расидааст ва интизор меравад, ки соли ҷорӣ ин шумора як миллиону 200 ҳазор нафарро ташкил хоҳад кард. Дар баробари ин, мавҷудияти намудҳои гуногуни гиёҳҳои шифобахш дар кӯҳҳои Тоҷикистон барои рушди соҳаи дорусозӣ имконияти зиёд фароҳам овардааст. Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз панҷ ҳазор намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯяд.

Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, пешниҳодоти сармоягузоронро барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд дар самтҳои афзалиятноки зикргардида баррасӣ карда, онҳоро дастгирӣ намояд.

Аз фурсат истифода бурда, шумо - сармоягузорони гиромиро ҷиҳати роҳандозии ҳамкории зичу судманд ва таъсис додани ширкатҳои муштарак дар самтҳои гуногун даъват менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо назардошти имкониятҳои зикршуда, мо омодагии худро барои муайян намудани унсурҳои калидии ҳамкории дарозмуддат дар асоси манфиатҳои мутақобила изҳор менамоем. Аз сармоягузорони дар ин форум ҳузурдошта эҳтиромона даъват ба амал меоварам, ки дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ ҳар чӣ бештар саҳм гузоранд. Ҳар як иқдоми шумо - сармоягузорон ва соҳибкорони муҳтарам, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷонибдорӣ пайдо хоҳад кард.

Ба ҳамаи шумо саломатӣ ва дар фаъолияти кориатон барору муваффақият орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини фаъолияти бонизоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва зиндагии осудаи аҳолии мамлакат дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ҳар сол қарори дахлдор қабул намуда, иҷрои онро таҳти назорати ҳамешагӣ дорад. Соли равон низ ин масъала аз мадди назар дур намондааст.**

# ЗИМИСТОН БО ШАРОИТИ ХУБ ПУШТИ САР МЕШАВАД



Зимистонгузаронӣ дар водии Рашт яке аз масоили муҳим мебошад. Пӯшида нест, ки дар ин ноҳия нисбат ба дигар манотиқи кишварамон зимистон тӯлонитар аст. Аз рафти омодагӣ дар ноҳияи Рашт маълум мешавад, ки барои сари вақт анҷом додани нақшаҳои пешбинишуда тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст.

Бо мақсади таҳлил намудани вазъи омодагӣ ба зимистонгузаронӣ бо мудири бахши рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт Хайриддин Хоҷаев суҳбат доштем.

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт бо мақсади таъмини иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2023 таҳти №125 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самаранок дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024» як қатор корҳоро ба анҷом расониданд. Қарори раиси ноҳия аз 6-уми апрели соли 2023 таҳти № 172 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ноҳия барои фаъолияти мунтазам ва самаранокӣ дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024» ба тасвиб расида, дар асоси он нақша - чорабиниҳо тасдиқ ва Ситоди ноҳиявӣ таъсис дода шудааст, - гуфт дар оғози суҳбат Х. Хоҷаев.

Талаботи солонаи аҳолии ноҳия ба маҳсулоти ғизоӣ - 20 ҳазору 977 тонна орд, равғани растанӣ - 2 ҳазору 377, картошка - 12 ҳазору 866, биринҷ - 2 ҳазору 98, шакар - 2 ҳазору 797, гӯшт - 5 ҳазору 34, маҳсулоти ширӣ - 16 ҳазору 83, сабзавот ва полезӣ - 23 ҳазору 215, мевахот - 17 ҳазору 341, моҳӣ - 1 ҳазору 259, намак - 252 тонна ва 27 миллиону 131 ҳазор дона тухм мебошад.

Дар ноҳия аз ҳисоби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани аҳолии ноҳия бо маҳсулоти ғизоӣ то 18-уми сентябри соли 2023-юм 250 тонна орд, шакар - 10, биринҷ - 5, равғани растанӣ - 25 ва 30 тонна сӯзишворӣ захира карда шудааст.

Дар муассисаҳои табобатӣ, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабии ноҳия барои давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 талабот ба захираи ангишт 2198 тонна, ҳезум - 1281 м³, орд - 42 тонна, равғани растанӣ - 5,5 , биринҷ - 7, шакар - 6,2, картошка - 27, сабзӣ - 6 ва пиёз 11 тонна ба нақша гирифта шудааст. То имрӯз қисми зиёди ташкилоту муассисаҳои ноҳия барои зимистонгузаронӣ маводи заруриро захира кардаанд, - иброз намуд номбурда.

Дар муассисаҳои роҳдории ноҳия 1040 м³ маводи зиддилағжиш ва 8 м³ ҳезум захира карда шуда, инчунин 13 техникаю механизмҳо барои таъмини ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиёт дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 омода мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳия Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ангишти Камароб» ба истихроҷи ангишт машғул буда, ба ҳолати 18-уми сентябри соли ҷорӣ дар ҳаҷми 24930 тонна ангишти хушсифат истихроҷ намуда, пешкаши аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия намудааст.

Аз ҳисоби буҷети маҳаллии ноҳия барои фаъолияти мунтазам ва самарабахши соҳаҳои буҷетӣ дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 дар ҳаҷми 2 миллиону 206 ҳазор сомонӣ барои хариди маводи сӯхт ва 1 миллиону 889 ҳазор сомонӣ барои таъмиру барқарорсозии биноҳо, ҷамъ 4 миллиону 95 ҳазор сомонӣ маблағҳо пешбинӣ шудааст.

Дар давраи гузаронидани санҷишҳои бехатарӣ аз сӯхтор оид ба роҳҳои даромад ва баромади нақлиёти оташнишонӣ, тартиби васлкунӣ ва гузаронидани ноқилҳои барқии ҷавобгӯ ба талаботи сохти дастгоҳи барқӣ, гузаронидани санҷишҳои шиддатнокӣ ва муқовимати ноқилҳои барқӣ, дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани манбаъҳои оби оташнишонӣ, таъмини пурра бо асбобҳои аввалиндараҷаи оташнишонӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст.

Дар ҳашт моҳи соли 2023 кишоварзони ноҳия 2806 тонна гӯшт, картошка - 2893, мева - 831, шир - 7599 тонна ва 2 миллиону 863 ҳазор дона тухм истеҳсол намудаанд.

Дар ноҳия 14 анбор бо гунҷоиши 14710 тонна барои захираи маҳсулотҳо ва тухмиҳо мавҷуд мебошад. Нақшаи захираи хӯроки чорво 93500 тоннаро ташкил медиҳад.

Масъулин ва роҳбарияти ташкилоту муассисаҳои ноҳия барои фароҳам овардани шароитҳои хуб ба хотири таъмини зиндагии осудаи аҳолӣ то фаро расидани фасли сармо чораҳои саривақтӣ меандешанд. Итминони комил дорем, ки зимистонро дарпешистода бо шароити хуб пушти сар мешавад, - гуфт дар анҷоми суҳбат Хайриддин Хоҷаев.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

# РОҲИ МАРКАЗИИ НОҲИЯ МУМФАРШ МЕШАВАД

**Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми сохторҳои давлатӣ вазифадор шудаанд, ки ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, барои амалӣ гардидани иқдомоти созандаи онҳо мусоидат намоянд.**

Соҳибкорони мамлакат ҷавобан ба ин ғамхориҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои мавҷуда саъю кӯшиши худро барои васеъ намудани фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани кишвари азизамон равона менамоянд.

Ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳринав соҳибкор Умар Кремлёв асфалтпӯшкунии роҳи марказии ноҳияро оғоз кард.

Мавриди зикр аст, ки санаи 11-уми сентябри соли 2023 раиси ноҳияи Шаҳринав Абдуқодир Вализода дар оғози корҳои мумфаршкунии роҳи мошингард, ки дарозии он 8 км ва паҳноияш 10 метрро дар бар мегирад, иштирок намуда, барои иҷрои босифати кор ва ба талабот ҷавобгӯ барору муваффақият таманно намуданд.

**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**



# БЕВАТАН НЕСТ ҒАРИБЕ, КИ КУНАД ЁДИ ВАТАН

**Суҳбати Муҳаббатхон - бонуи муқими шаҳри Стокголми давлати Шветсия, ки худро тоҷик меҳисобад, аз тариқи интернет тамошо кардаму натавонистам, бетараф бошам. Ончунон аз муҳаббат ба Ватан сухан гуфту ашк рехт, ки дигаронро ба риққат овард.**

Ба дунё омадану ба воя расидан дар муҳити тоҷикона, ки ба қавли устод Мирзо Турсунзода «тоҷикон табиатан ҳама шоиранд», барояш беасар намондааст. Шеъри содаю самимӣ, вале ниҳоят пурмазмуну таъсирбахши эҷодкардаашро бо мазмуни нафас гирифтан аз ҳавои Кӯлоб, манзараҳои зебои ағбаи Чормағзак, нӯшидани оби ширини дарёи Панҷ, офтоби гарми зодгоҳаш - Фархор, пахтачинӣ, худро бо ифтихор духтари миллати тоҷик ном бурдан, ҳамеша бо ёду ҳавои Ватан нафас кашидан ва бо қимати чизе иваз накардани Тоҷикистони азизаш қироат намуд, ки хеле муассир буд.

Ватанро дӯст доштан, дар хизмати халқу Ватан будан, ба он хиёнат накардан, пос доштани нону намак, ин аст садоқату одамият, ин аст ватандорӣ.

Борҳо шоҳиди чунин лаҳзаҳои риққатовар аз тарафи фарзандони барӯманди Тоҷикистони азиз ба гунаи устодони санъати тоҷик Малика Қаландарова, Барно Исҳоқова, Маҳмудҷон Тоҳирӣ ва дигарон будам, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ Тоҷикистонро тарк карданд.

Дар аҳди шӯравӣ дар ноҳияи Фархор теъдоди зиёди русҳо мезистанд. Баъд аз гузашти даҳ сол аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ Фархор ба ноҳияи агросаноатӣ табдил ёфт. Иқлими гарму мусоид, обу замини фарохи ҳосилхез, заводи бузурги равғанбарорӣ, заводи коркарди пахта, автобазаю ПМК - ҳои зиёд ва дигар идораю муассисаҳои сохтмонию саноатӣ имкон доданд, ки намояндагони қариб бист миллати дунё дар ноҳия аҳлона кору зиндагӣ намоянд. Қисме аз афсарони рус, ки барои ҳифзи сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистон меомаданд, ин ҷо муқим мешуданд.

Ҳамсояи мо Пономарёв ном мӯйсафеди таҳамтан ва кушодачеҳра аз зумраи онҳо буд. Мо дар баробари идҳои Рамазону Қурбон, дар иди «Пасха»-и масеҳӣ низ идгардак мекардем. Ҳамсари меҳрубони Пономарёв на танҳо дар иди масеҳиён, балки идҳои мусулмонон низ моро бо тухмҳои ранга пешвоз мегирифт.

Солҳои 1986 - 1989 Спитса Василий Игнатевич аз Федератсияи Россия ба сифати сармураббии дастаи «Ҳосилот»-и Фархор ҳамроҳ бо се футболбози ҷавони рус ба Тоҷикистон ба кор омаданд. Бо ташаббуси номбурда дастаи футболбозон аз шаҳри Москва барои гузаронидани бозии рафиқона ба ноҳияи Фархор омаданд. Чун ҳарвақта майдони бозӣ аз мухлисон пур буд. Бозӣ пуршиддат ва шавқовар гузашт. Москвагиҳо намехостанд назди як дастаи музофотӣ паст оянд. Мизбонон ҳам суст наомаданд. Ҳайати дастаҳоро аз лиҳози миллӣ фарқ кардан душвор буд, чунки дар ҳайати «Ҳосилот» ҳам чанд тан русҳои маҳаллӣ, ба мисли бародарон Владимир ва Виктор Скопиновҳо, дугоникҳо Николай ва Михаил Фёдоровҳо, дарвозабон Корнеев ва чанде дигарон бозӣ мекарданд.

Табиист, ки русҳои муқими Фархор «Ҳосилот»-ро мухлисӣ мекарданд. Бо вуҷуди аз як ноҳияи дур будан «Ҳосилот» ҳам дастаи андак набуд, он чӣ меҳмонон интизор набуданд. Вагарна, Москваи он замон пойтахти як давлати абарқудрат куҷою Фархор куҷо? Бозӣ мусовӣ анҷом ёфт. Дарвоқеъ Спитса тавонист «Ҳосилот» - ро ба лигаи якуми мамлакат барорад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо Василий Игнатевич телефонӣ суҳбат доштем. Ӯ бо арзи эҳтиром изҳор дошт, ки армон ҷуз он надорад, ки дар ҷавоб ба муҳаббату эҳтироми беандозаи мардуми Фархор дар нисбаташ дубора тарки кору вазифа дар шаҳри Москва карда, ба Фархор баргардад ва дастаи дӯстдоштаашро ба лигаи олӣ барорад. Мутаассифона, акнун шароиту имконият ва мафкураҳо батамом дигар гашта буд.

Ақаллиятҳои миллӣ, ки дар Фархор зиндагӣ мекарданд, забони тоҷикиро чун забони модарии худ медонистанд. Ҳамзамон, тоҷикон забони русиро хуб аз худ карда буданд. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Гулистон» вазифаи мусаҳҳеҳро Раҳима Урозоваи қазоқ ба уҳда дошт. Қазоқдухтар Бибисулув дар ислоҳи имлои матнҳои тоҷикӣ беназир буд. Мисоли дигар: пас аз ҳиҷрат як гурӯҳи русҳо аз Фархор маҳали нави иқоматиашонро дар Федератсияи Россия Фархор номгузорӣ намуданд. Ба ҳамин монанд, дафтари хотироти ҳаётии Рустам Абдиеви қазоқ, ки солиёни зиёд раиси колхози «Роҳи Ленин»-и ноҳияи Фархор буду алҳол дар Қазоқистон зиндагӣ мекунад, пур аз сатрҳои ватандорист.

Мутаассифона, дар баробари ин ҳама, зумрае аз ҳаммиллату ҳамватанони гумроҳи мо бо дастуру маблағгузории хоҷагони хориҷии худ ҳамарӯза аз тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ зидди миллату Ватан бадгӯию иғвоангезиҳо менамоянд ва дар орзуи дигарбора нооором намудани Тоҷикистон мебошанд. Донишу таҷрибаи динӣ, дунявию сиёсӣ надоранд, аммо худро «ватандор», «ҳомии ислом», «сиёсатмадору донишманд» ва «ғамхор»-и Ватан нишон доданӣ мешаванд, вале тӯли 32 соли соҳибистиқлолӣ чӣ кори хайре барои ин миллату Ватан кардаанд?

Бар зидди сарзамине, ки аҳли хонаводаю хешовандонашон дар он орому осуда кору зиндагӣ доранд, ҷанги иттилоотӣ роҳандозӣ кардаанд. Хайрияти кор он аст, ки мардуми Тоҷикистон аз мақсади ниҳоии ин тоифа ҳанӯз аз воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта хуб огоҳӣ доранд.

Тоҷикистон сарзамини биҳиштӣ ва ҷумҳурии сермиллат мебошад. Аслан, Ватан ҷоест, ки новобаста аз мансубияти миллию нажодӣ ва эътиқодӣ хуни нофи кас дар он рехтааст. Тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи баробар ба кору зиндагӣ доранд ва назди қонун ҳама баробаранд. Хато намекунем, агар гӯем, ки ҷумҳурии мо аз ҷумлаи кишварҳоест, ки дар он миллатгароию нажодпарастӣ ҷой надорад. Аз ҳамин ҷост, ки мисли ин бонуи намакшинос бо гузашти даҳсолаҳо аз кишварҳои мутараққӣ ёди Ватан - Тоҷикистони азиз мекунанд. Андар хумору ёди он ашки ҳасрат мерезанд. Ҳақ бар ҷониби шоир, ки гуфта:

**Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,**
**Хори Ватан аз лолаю райҳон хуштар.**

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**Вақте кас вориди баъзе аз сомонаҳои иҷтимоӣ мегардад, бадхоҳу тафриқаандоз будани гурӯҳе ба ном ҳаммиллатони хешро дида, дар ҳайрат меафтад. Суоле ба миён меояд, ки чаро баъзе аз мардуми мо ҳодисаю воқеоти солҳои навадуми асри гузаштаро ин қадар ба зудӣ фаромӯш намуданд? Охир, он рӯзҳои ҷангу даргириҳо, айёми фоҷиаи мудҳиши ба сари мардуми мо омада набояд ба зудӣ аз хотирҳо зудуда бигардад. Яке аз чунин иғвобарангезон саркардагон ва ҷонибдорони Ташкилоти террористӣ - экстремистии Ҳизби наҳзати ислом (ТТЭ ҲНИ) буданд, ки алъон фаъолияти ин ҳизби тундгарою иртиҷоӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯъ эълом шудааст.**

# ДИГАР ТУҲМАТУ БУҲТОН НАРЕЗЕД!

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ зимни мулоҳизарониҳо чунин изҳор намуданд: «…Он ҷанги таҳмилие буд, ки аз тарафи душманони дохилию берунӣ вусъат дода шуд ва дар натиҷа, ба ҷумҳурӣ хисороти азими ҷонию моддӣ ва маънавӣ расид… ва мо оқибатҳои ин ҷангро набояд фаромӯш намоем». Воқеан, ин ҷанг мардуми моро ба машаққату мушкилоти гарону сангине рӯ ба рӯ сохт. Ҳамон солҳо низ ин низоъ ва ҷангу ҷидолҳо ибтидо аз барангехтани иғвою дасисаҳо дар миёни мардум оғоз ёфта буд.

Он солҳо наҳзатиён мақсаду нияти нопоку муғризонаи худро, ки дар ниҳоят табаддулоти давлатӣ буд, пинҳон мекарданд ва пайваста кӯшиш мекарданд, то бо кадом роҳу воситае, ки набошад, ҳукумати қонунӣ - конститутсиониро ғасб намоянд. Дар робита ба гуфтаҳои боло нафаре андешаҳояшро дар як расонаи даврӣ чунин баён намудааст: «Агар ин ҳизб намебуд, ҳеҷ иттифоқи баде намеафтод. Ҳизбе, ки на танҳо аксарияти мардуми кишвар, балки дар дунё ягон давлати абарқудрат барои ба сари қудрат омаданаш имконият намедод, мехост зимоми давлатдориро ба даст гирифта, сохти конститутсиониро барҳам занад. Барои амалӣ шудани ҳадафҳои нопоки худ ин ҳизб тавонист як зумра зиёиёнеро, ки худро демократ мегуфтанду аслан аз сиёсат бӯе ҳам намебурданд, бо худ ҳамроҳ созад. Ин демократҳо намедонистанд, ки агар Худо накарда ҳизби наҳзат ба сари қудрат ояд, пеш аз ҳама, худи онҳоро аз миён мебардорад, чуноне ки дар баъзе кишварҳои исломӣ ин таҷриба кайҳо амалӣ шуда буд...»

Наҳзатиён ба мақсадҳои зишту ниятҳои нопоки худ расида натавонистанд ва аз чист, ки вақтҳои охир боз гурӯҳе тавассути баъзе аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба масъулини ин ё он ниҳоди давлатӣ туҳматҳо мезананд, бар дӯшашон айбу буҳтонҳои мухталифро бор сохта, дар ҳаққашон бо алфози қабеҳ дашномҳо медиҳанду эшонро беасос маломату таҳқир менамоянд. Мо ин ҷо аз овардани ному тахаллуси ба ном мухолифин ё оппонентҳо, шабакаҳои иҷтимоие, ки ин тафриқаандозон ва душманону сияҳкорони миллати мо ба тариқи васеъ истифода мекунанд, худдорӣ менамоем ва мехоҳем танҳо як маъниро ба ин гурӯҳ талқин бисозем: магар он солҳо дар ин даргириҳо даҳҳо ҳазор одамони бегуноҳ кушта нашуданд? Оё замони ҷанги таҳмилӣ садҳо ҳазор мардуми кулфатзадаю бенавои мо гуреза шуда, ба ҳиҷрату ғурбат рӯ наовард? Магар он солҳо шумораи ба хоку хун оғӯшташудагон кам буд? Он миллиардҳо доллари хисороти ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ воридшударо киҳо бояд ҷуброн кунанд? Магар метавон ашки чашмони модарони ғамзадаю саргардон, тифлони гирёну нолон, пиронсолони ҳайрону саргардонро фаромӯш сохт? Оё қатлу куштори даҳҳо ҳазор ҷавонони ноком имрӯз моро бетараф гузошта метавонад? Садҳо афсӯс, ки ин ҳодисоту воқеоти барои ҳамагон равшану маълумро ба муфассалтар тафсилу ташреҳ додан ҳоҷат нест ва фурсат низ хеле маҳдуд аст.

Хушбахтона, бо кӯшишу талошҳои ҷасуронаю оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хиради азалии мардуми тоҷик ва далерию қаҳрамонии ҳазорон нафар фарзандони ҷоннисору шуҷои миллат дар муддати хеле кӯтоҳ оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар ҷумҳурии мо хомӯш гашт ва набояд фаромӯш сохт, ки ба сулҳу салоҳ расидан кори саҳлу осон набуд. Барои барқарор сохтани сулҳ ва хомӯш намудани оташи ҷанг қабл аз ҳама, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саъю кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд.

Имрӯз дар кишвари азизи мо - Тоҷикистон комилан сулҳу салоҳ барқарор аст ва мо бояд аз пойдории сулҳу осоиштагӣ, ки дастоварди беназиру бебаҳои халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, шукрона кунем. Шукрона аз ин неъмати бузург намоем, ки алъон мардуми мо зиндагии осоишта дорад.

Вале аз чист, ки ин гурӯҳи худхоҳу моҷароҷӯ ба амалҳои зишту иғвоангезонаи худ хотима намебахшанд? Чаро ин тафриқаандозон то ҳанӯз аз кардаҳои ноҷою ноҷавонмардонаашон изҳори пушаймонӣ намекунанд? Барои чӣ ин тоифаи ҷудоихоҳ боз ҳамарӯза ба даъватҳои беасосу бебунёди худ машғуланд? Кӣ барояшон ҳуқуқи сиёсию маънавӣ додааст, ки мудом аз номи миллат ҳарф зананд? Наход онҳо аз ин туҳмату буҳтонҳое, ки ба сари мо мерезанд, шарм надоранд ва аз оқибати рафтору кирдори ношоистаашон андеша накунанд?

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# Розҳои Ҳошим Гадо



Аз шӯру шари тӯфон тарсе нест, аз сели ашки бенавоён битарс!

***

Он чизеро ки гум кардаӣ, ғамашро махӯр, зеро он аллакай аз даст рафтааст. Дар фикри он бош, ки боқимондааш аз даст наравад.

***

Эй ниқобдорон, эҳтиёт намоед, мабодо ниқоб ба рӯятон часпида монад, он гоҳ бо ҳеҷ чизе онро наметавон аз рӯй тарошид. Мабодо зери ниқоб бимиред.

***

Шахсе, ки дунёи худро дорад, дар лаҳзаҳои аз ин дунё дилмонда шудан, ба дунёи худ гузашта, зиндагиро идома медиҳад.

***

Эй ҷавон, ғами пириро фаромӯш макун! Таҳкурсиашро гузор, мустаҳкам гузор.

***

Зистани одам дар байни ҷамъият чунон мураккаб будааст, ки ӯро ҳеҷ фаҳмида намешавад, ҳеҷ сари калобаатро намеёбӣ. Барои он ки нӯгашро ёбӣ, мисли кӯҳ вазнин, мисли баҳр ором, мисли замин хомӯш бош. То ҳол ҳеҷ кас нолаи заминро нашунидааст.

***

Парандае ногоҳ болҳояш шикасту хазанда шуд. Ӯ акнун фаҳмид, ки дар парвоз аз ҳоли хазандаҳо заррае огоҳ набудааст.

***

Аз марг матарс, аздусар аз ӯ ҷои гурез нест, дер ё зуд ӯ меояд. Агар битавонӣ, ӯро мардонавор қабул намо ва ба рӯяш табассуме бикун, бе сухан саҳнаи зиндагиро, саҳнаи бозиатро, ки хуб ё бад бозида будӣ, холӣ бикун: бигузор ин саҳнаро дигарон пур кунанду ба нақшофарӣ сар бикунанд. Дар бозии оянда кӣ мебараду кӣ бой медиҳад, инро вақт нишон хоҳад дод.

***

Ман ними ҳақиқатро гуфтам, ними дигарашро бо худ ба гӯр мебарам.

***

Ба сарвату айшу ишрат, кайфу сафою карру фарри дигарон ҳасрат мабар, ҳамааш беҳуда аст.

***

Қурбони одаме шавам, ки намегӯяду мекунад.

Тиллою нуқраро аз рег шуста ҷудо мекунанд, вале афсӯс ки на ҳамаи регҳо тиллою нуқра доранд. Барои ҳамин дониста бикоб, то меҳнатат барабас наравад…

***

Албатта, бахтҷунбон лозим, лек бикӯш, ки худат ҳам бинҷунбӣ. То худат наҷунбӣ, чизе ҳосил намешудааст.

***

Мефиребӣ, мефиребандат.

***Аз китоби «Розҳо»,***
***ҷилди якуми осори***
***Ҳошим ГАДО***

## Ба «САДОИ МАРДУМ» ҷавоб омад

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак мақолаи танқидии дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 21-уми июли соли 2023 №94 (4677) зери сарлавҳаи «Норак: Чаро дар маркази саломатӣ интизоми меҳнат риоя намешавад?» чопшударо мавриди муҳокима қарор дод.**

# «НОРАК: ЧАРО ДАР МАРКАЗИ САЛОМАТӢ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ РИОЯ НАМЕШАВАД?»

Бояд қайд намуд, ки дар муассисаи мазкур басти воҳидҳои корӣ 378 нафарро ташкил дода, шумораи маълумоти олидор 56 нафар, ҳамшираҳои тиб 238 нафар, кормандони хурд 52 нафар ва дигар кормандон 32 нафар мебошад.

Ба зикри хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» гӯё роҳбарият ва масъулини КАТС-и шаҳри Норак барои ҳифзи саломатии мардум беларвоӣ зоҳир намуда, бар хилофи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таъмини интизоми меҳнат» амал намуда, сари вақт ба ҷойи кор ҳозир нагардида, интизоми меҳнатро вайрон намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси хабари телефонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 21-уми июни соли 2023 таҳти № 7/169 оид ба ҷаласаи якҷояи мақомоти намояндагии маҳаллӣ оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари КАТС-и шаҳр Т. Қаҳорзода бо сафари хидматӣ ба маркази вилоят - шаҳри Бохтар рафта буданд. Ҳангоми ҳузур надоштани роҳбар тамоми ваколатҳои роҳбарӣ, аз ҷумла интизоми меҳнат, бар зиммаи муовини ӯ - Нурмаҳмад Ализода вогузор мегардад. Мақсад аз ҳузур надоштани Нурмаҳмад Ализода далели гуфтаҳои боло шуда метавонад. Муовини дигари ӯ Сунатулло Тағоев бинобар сабаби вазъи оилавӣ, яъне даргузашти тағояш аз роҳбари муассиса иҷозати рухсатии якрӯза гирифта будааст.

Ҳангоми бо телефони мобилӣ аз ҷониби хабарнигор Муҳаммад Зокир расонидани камбудиҳои маркази саломатӣ ба роҳбари муассиса Т. Қаҳорзода ва аз наздик ҳамсуҳбат шудан бо муовини якуми раиси шаҳри Норак Ш. Азимзода гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак таъсис дода шуда, давоми як ҳафта фаъолияти муассиса ва интизоми меҳнати кормандон мавриди санҷиш ва назорат қарор дода шуд.

Масъулини шаҳри Норак барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ, бунёду азнавсозии бунгоҳҳои саломатӣ, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳо бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ва риоя намудани талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таъмини интизоми меҳнат» амал намуда, минбаъд низ барои бартараф намудани камбудиҳои дар соҳаи тандурустӣ ҷойдошта тамоми чораҳоро меандешад.

**З. ҲАКИМЗОДА,**
**муовини раиси шаҳри Норак**

**P.S.** Агар мақолаи мазкур хуб таҳлил шуда, сипас дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак мавриди баррасӣ қарор мегирифт, шояд вокуниш яктарафа намешуд.

Дар мақола сухан дар бораи вайрон гардидани муқаррароти моддаи 60-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таъмини интизоми меҳнат», ки дар набудани роҳбари муассиса муовинон, масъулон, кормандони қаторӣ ва кормандони техникии марказ ба ҷои кориашон сари вақт ҳозир намешаванд, интизории беморон, аз ҷумла кӯдакони хурдсол мерафт. Магар ин беларвоӣ нисбат ба саломатии мардум нест? Дар сурате, ки иҷрокунандаи мудири шуъбаи кадрҳо Зилола Зоидова ва ҳамшираи калони шафқати марказ Сабоҳат Тағойбекова дар куҷо будани роҳбариятро намедонанд, ин айби кист?

Китобҳои бақайдгирии омадурафти ҳама категорияҳои кормандони марказ, ки дар даромадгоҳ гузошта шудааст ва навбатдор ҳар нафари ба кор ҳозиршударо бо имзояш ба қайд мегирад, магар далелу исботи ин гуфтаҳо нест?

Наход аз шумораи воҳидҳои корӣ дар Маркази саломатии шаҳрӣ то соати $08^{40}$ ҳамагӣ ду нафар табиб ва шаш нафар ҳамшираи шафқат ҳозир гарданд.

Хабарнигор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаю хабарҳои худро на аз рӯи ғараз, балки мувофиқи талаботи касбӣ аз рӯи дид ва мушоҳидаҳо инъикос менамояд. Вокуниш ба мақолаҳои танқидию таҳлилӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №622 аз 7-уми феврали соли 2009 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба мақолаҳои танқидӣ ва таҳлилии ВАО» бояд воқеъбинона бошад.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418071 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №130»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.10.2023 10:05:00 |
| 2 | 418056 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Корҳо дар самти насби жалюза, васл ва насби пардаи махмалин (бахмали туркӣ) барои толори калони муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2023 15:40:00 |
| 3 | 418058 | Нозироти идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таҷдиди намои берунаи бинои истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ - 27/1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2023 15:45:00 |
| 4 | 418059 | Муассисаи давлатии «Маркази стоматологӣ»-и шаҳри Панҷакент | Сохтмони бинои иловагӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.10.2023 16:08:08 |
| 5 | 418061 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ - фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ» | Насос барои фаввора, компютер, принтер ва ғалақаи обӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 17.10.2023 16:11:45 |
| 6 | 418062 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта» | Ранг барои аломатгузории роҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.10.2023 17:40:00 |
| 7 | 418063 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 17.10.2023 17:45:00 |
| 8 | 418065 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №10-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Таъмири муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2023 08:50:15 |
| 9 | 418066 | Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | Маводи хоҷагидорӣ, канселярӣ, молҳои барқӣ, гипохлорид, асбобҳои сохтмонӣ, баннер ва таҷҳизот барои видеоконференсия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 84 | 18.10.2023 09:10:20 |
| 10 | 418067 | Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идомаи сохтмони бинои Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.10.2023 09:25:00 |
| 11 | 418068 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинаталогии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 18.10.2023 09:35:59 |
| 12 | 418069 | Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 18.10.2023 09:40:59 |
| 13 | 418070 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №9» | Таҷҳизоти тиббӣ ва кати хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 18.10.2023 09:45:59 |
| 14 | 418074 | Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо | Матрас, парда (жалюзи), либосовезак ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 18.10.2023 11:45:00 |
| 15 | 418075 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашм»-и вилояти Суғд | Техникаи идоравӣ, техникаи маишӣ, мебел ва таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 18.10.2023 11:48:00 |
| 16 | 418078 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 18.10.2023 12:40:00 |
| 17 | 418079 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Реактив, тест ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 66 | 18.10.2023 13:14:15 |
| 18 | 418080 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 79 | 18.10.2023 13:55:55 |
| 19 | 418076 | Муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбон»-и шаҳри Душанбе | Парда, асбобҳои дастӣ, молҳои рӯзгор ва маҳсулоти нигоҳубини шахсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 18.10.2023 14:10:00 |
| 20 | 418072 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии мошинҳои боркаш ва сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 18.10.2023 14:30:00 |
| 21 | 418064 | Бахши фарҳанги ноҳияи Ҷиргатол | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.10.2023 17:44:59 |
| 22 | 418107 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Молҳои техникӣ дар маҷмӯъ, миз, роҳаткурсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 19.10.2023 16:07:23 |
| 23 | 418108 | Ширхоргоҳ - кӯдакистони №18-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 19.10.2023 16:35:00 |
| 24 | 418109 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Раззоқов»-и шаҳри Панҷакент | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 19.10.2023 16:53:00 |
| 25 | 418119 | Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангал»-и Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Либоси махсус ва пойафзоли махсус барои кормандони муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.10.2023 19:25:00 |
| 26 | 418120 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, масолеҳи сохтмонӣ, насос ва сӯхторхомӯшкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 20.10.2023 08:30:45 |
| 27 | 418121 | Комиссарияти ҳарбии вилояти Хатлон | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.10.2023 08:35:20 |
| 28 | 418122 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозии роҳи автомобилгарди байнидеҳавии Сангистони ноҳияи Айнӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 09:00:00 |
| 29 | 418125 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.10.2023 09:15:15 |
| 30 | 418123 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои вазорат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 09:30:00 |
| 31 | 418126 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор | Сохтмони толори маҷлисгоҳи тобистона барои 400 ҷойи нишаст дар назди бинои мақомот (корҳои заминӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 09:40:00 |
| 32 | 418127 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.10.2023 10:20:20 |
| 33 | 418087 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 57 | 20.10.2023 10:30:00 |
| 34 | 418124 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мумфаршкунии атрофи бинои маъмурии вазорат (1100 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 10:30:00 |
| 35 | 418128 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Фархор | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 20.10.2023 10:55:30 |
| 36 | 418130 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Контролери дастрасӣ бо шинохти чеҳра, турникет, кондитсионер, техникаи корӣ, молҳои сантехникӣ, канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 20.10.2023 11:05:00 |
| 37 | 418131 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сачоқ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.10.2023 11:10:09 |
| 38 | 418135 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 20.10.2023 11:45:50 |
| 39 | 418136 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Ёвон | Рангубори даруни бино, таъмири фарш ва васл намудани таҷҳизоти мактабӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 11:50:55 |
| 40 | 418137 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Рахти хоб, кӯрпа, матрас дастмол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 20.10.2023 14:45:45 |
| 41 | 418139 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 20.10.2023 15:00:00 |
| 42 | 418132 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ранги равғанин, қуми шусташуда, омехтаи қуму шағал, маҳлулкунанда ва чутка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 20.10.2023 15:35:35 |
| 43 | 418117 | Дастгоҳи раиси ноҳияи Ванҷ | Таъмири роҳҳои маҳаллӣ дар ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.10.2023 18:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком**
**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

**Районный инженер для района Восе**

Целью задачи является надзор за ходом и качеством работ по строительству/реконструкции и реабилитации в целевом районе для обеспечения достижения основных целей проекта в соответствии с документами проекта.

**Квалификационные требования:**

• Высшее образование в области строительства (инженер-строитель, архитектор);

• Не менее 7 лет профессионального практического опыта в строительстве медицинских/образовательных учреждений со стороны заказчика и подрядчика;

• Аналогичный опыт в проектах, финансируемых международными организациями, является преимуществом;

• Сильная способность и опыт в понимании строительной документации для строительных работ (планировка, проектно-сметная документация);

• Сильные знания строительных норм и правил включая стандарты и процедуры для надзора за строительными работами;

• Знание правил и норм охраны окружающей среды и труда, техники безопасности, производственной санитарии и противопожарной зашиты и т.д.

• Отличное владение компьютерными навыками MS Office (Word, Excel);

• Отличное знание таджикским и русским языками.

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя директора проекта Маджиди Ю.Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языках с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

**Крайний срок подачи документов до 11 октября 2023 г., $16^{00}$ по местному времени.**

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз-35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Tel: (+992) 37 221-06-91

Главный специалист по закупкам ГРП РРД: Сайфуллоев Мусо.

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком.**
**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

**Районный инженер для района Хамадони**

Целью задачи является надзор за ходом и качеством работ по строительству/реконструкции и реабилитации в целевом районе для обеспечения достижения основных целей проекта в соответствии с документами проекта.

**Квалификационные требования:**

• Высшее образование в области строительства (инженер-строитель, архитектор);

• Не менее 7 лет профессионального практического опыта в строительстве медицинских/образовательных учреждений со стороны заказчика и подрядчика;

• Аналогичный опыт в проектах, финансируемых международными организациями, является преимуществом;

• Сильная способность и опыт в понимании строительной документации для строительных работ (планировка, проектно-сметная документация);

• Сильные знания строительных норм и правил включая стандарты и процедуры для надзора за строительными работами;

• Знание правил и норм охраны окружающей среды и труда, техники безопасности, производственной санитарии и противопожарной зашиты и т.д.

• Отличное владение компьютерными навыками MS Office (Word, Excel);

• Отличное знание таджикским и русским языками.

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя директора проекта Маджиди Ю.Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языках с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

**Крайний срок подачи документов до 11 октября 2023 г., $16^{00}$ по местному времени.**

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз-35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Tel: (+992) 37 221-06-91

Главный специалист по закупкам ГРП РРД: Сайфуллоев Мусо.

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪЛОН!

Дар асоси аризаи қарздеҳон, бо таъиноти Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 5-уми сентябри соли 2023, мурофиаи муфлисшавӣ дар ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» аз нав оғоз карда шуда, дар он Холов Шодмон Назаралиевич мудири махсус таъин гардид.

Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» аз вафоти директори генералии ҶДММ «Тоҷикматбуот» **МАЗАМШО АСЛАМШОЕВ** андуҳгин буда, ба аҳли хонаводаи марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 29 сентябри соли 2023, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97